**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)**

Рушди иқтисоди мамлакатҳои ҷаҳон ва боло рафтани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон сабаби асосии рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ мегардад. Зеро, фарди дорои шароити миёнаи иқтисодӣ баҳри қонеъ гардонидани маънавияти худ мекӯшад, ки аз гӯшаҳои мухталифи табиати кишвари худ ё давлати дигар дидан кунад. Муҳаққиқони соҳа муайян кардаанд, ки саҳми бахши сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии давлатҳои ҷаҳон давоми даҳсолаи охир то се маротиба афзудааст ва ҳиссаи он дар сармоягузории иқтисод то 12 фоиз ва истеҳсоли маҳсулот то 10 фоизро ташкил медиҳад. Қобили зикр аст, ки намуди нави сайёҳӣ – сайёҳии экологӣ (ecotourism), ки моҳияти он қонеъгардонии талаботи шаҳрванд ба табиати солим мебошад, дар аксарияти давлатҳо рушд ёфта истодааст.

Дар заминаи афзоиши босуръати талабот ба сайёҳии экологӣ зарурати ҷустуҷӯйи минтақаҳои мувофиқро барои таъмини рақобатпазирӣ ва самаранокии соҳа ба миён овардааст, ки чунин имконият дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда мавҷуд аст. Интихоби мавзуи диссертатсионӣ аз ҷониби Каримӣ М.Д. мубрамии хосаро таъкид дошта, барои ҳаллу фасли мушкилоти таҳия ва коркарди стратегияи алтернативии рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва аниқ намудани мавқеи сайёҳии экологӣ дар онҳо равона гардидааст.

Таҳқиқоти Каримӣ М.Д. нишон медиҳад, ки натиҷаҳои мусбати иқтисодие, ки аз рушди соҳаи сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон ба вуқуъ омадааст дар маҷмуъ ба минтақаҳои он низ таъсири мусбат мерасонад. Вале, барои таъмини самаранокии мутаасили истифодаи захираҳои табиии мавҷуда, мебояд баҳодиҳии мутлақ ва нисбии иқтидори сайёҳиву рекреатсионии ҷумҳурӣ дар сатҳи минтақавӣ гузаронида шавад, ки қимати илмии рисоларо боло мебардорад.

Дар доираи таҳқиқот ҷиҳати муайянсозии ҷанбаҳои мухталифи хусусиятҳои табиӣ, геоэкологӣ ва экологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” ҷиҳати ташкили сайёҳии экологӣ муаллиф тавонистааст, ки ҳадафҳои таҳқиқи шароити табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, гуруҳбандии намудии маҷмӯи захираҳои табиии ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” ва аниқ кардани омилҳои асосии ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ ва хусусиятҳои тағйирёбии онҳо дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”-ро ноил гардида, харитаҳо, хатсайрҳои сайёҳии экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” бо тавсифот ва тавзеҳоти мушаххас мустақилона таҳия намояд.

Навгониҳои илмии мушаххасан баённамудаи диссертант Каримӣ М.Д. дар самти арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар

заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, таҳияи харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (парваришгоҳи "Дараи Сабз"), омӯзиши таъсири бевосита ва мутақобилаи сайёҳии экологӣ ба муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҷараёни таҳқиқ, таҳлили маълумотҳо ва ғайраҳо эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудааст ва мутобиқ ба бандҳои шиносномаи тахассуси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мебошад.

Муҳаққиқ Каримӣ М.Д. бевосита дар корҳои саҳроӣ, дар соҳаи муҳандисӣ-геологӣ, геоэкологӣ ва харитасозии объект иштирок кардааст ва харитаҳои муҳандисию геоэкологӣ, қонунияти типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологӣ дар он тартиб додааст. Вале, дар ҷараёни таҳлили маълумотҳои дарҷёфтаи автореферат ошкор гардид, ки муаллиф давоми таҳқиқот ба масъалаҳои даромади софи иқтисодӣ аз рушди сайёҳии экологиро эътибори хоса надодааст. Ҳол он, ки рушди сайёҳии экологӣ метавонад фашанги таъсиррасон ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди маҳал бошад.

Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи маълумотҳои илмии дар автореферат дарҷёфта метавон хулоса кард, ки диссертант Каримӣ Мадина Давронзода дорои қобилияти хуби муҳаққиқ мебошад ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, муовини ректор оид ба корҳои таълими
Муассисаи давлатии "Донишкадаи байналмилалии
Хуҷанд"-и Муассисаи давлатии "Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" Бобоҷониён Д.Д.

Имзои Бобоҷониён Д.Д.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии "Донишкадаи байналмилалии
Хуҷанд"-и Муассисаи давлатии "Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" Раҳматов Н.И.

Суроғаи муассиса: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1
Тел.: (+992) 3422-2-38-11, (+992) 92-773-46-46
E-mail: bobojonovd@rambler.ru, khuanddbsst@mail.ru

"10" 11 соли 2025